# СОЛИ НАВИ МЕЛОДӢ ҲУМОЮН БОД!


# ТАХТИ ҚУБОД

**СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ҲАДАФИ МОСТ!**

Рӯзнома аз моҳи майи соли 1932
нашр мешавад
СЕШАНБЕ, 02 январи соли 2018,
№01 (8259)





kubod36@mail.ru



**Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён**


## ПАЁМИ ТАБРИКИИ РАИСИ НОХИЯ ФАЙЗУЛЛОЗОДА ЗАФАР ХАЙРУЛЛО БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДӢ

**Ҳамдиёрони азиз!**
**Хозирини гиромӣ!**

Инак Соли нави мелодии 2018-ум фаро мерасад. Мардуми меҳнатдӯсти ноҳия соли сипари гардидаро бо дастовардҳои назаррас ҷамъбаст намуда, соли навро бо умеду орзуҳои нек истиқбол мегиранд.

Соли 2017-ум бо фарогирии санаҳои муҳими сиёсиву фарҳангӣ барои мардуми кишвари азизамон, хусусан барои аҳолии ноҳия басо хотирмон буд.

Аз ҷумла соли сипаришуда дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 22 декабри соли 2016 "Соли ҷавонон" эълон гардида, аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид ташаббуси беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даҳсолаи байналмиллалии амал "Об барои рушди устувор" ҷонибдорӣ карда шуда, ҷашни 20-солагии Ваҳдати миллӣ дар сатҳи баланди сиёсӣ қайд карда шуда, баҳри боз ҳам муассиртар ва манфиатовар гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо роҳи назарпурсии сокинони кишвар ба Қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Ҳамчунин аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ нақшаи генералии шаҳраки Қубодиён тасдиқ гардид, ки ин, бешубҳа мақоми нав дар сохтори маъмурии ноҳия мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки муҳимтарин санаи таърихӣ барои мардуми шарафманди ноҳия қабул ва истиқболи самимии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки аз ташрифи меҳмони олиқадр сокинони ноҳия рӯҳу илҳоми тоза гирифта, баҳри сарсабзиву ободӣ ва гулгулшукуфии ноҳия камари ҳиммат баста барои ояндаи дурахшон қадамҳои боз ҳам устувортар гузоштанд. Ин сафари кории Сардори давлат, ки моҳияти созандагӣ ва бунёдкорона дошт, дар таърихи ноҳия бо хатҳои зарин сабт хоҳад шуд.

Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат" дар даврае пешниҳод гардид, ки кишвари азизи мо ба марҳалаи нави рушд ворид гардида, мардуми шарифи Тоҷикистон ба сӯи ояндаи ободу осуда бо қадамҳои устувор пеш меравад.

Соли сипаригардида дар таърихи ноҳия бо корҳои созандагию ободонӣ, сохтмон ва бунёди иншоотҳои хизматию маишӣ нақши муҳим гузошт.

Соли равон дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия пешравиҳо ба назар расида, ин раванд ба таҳкими ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва худогоҳиву худшиносии мардум мусоидат намуд.



Соли ҷорӣ кишоварзони ноҳия барои ғанӣ гардонидани дастархони мардум, таъмини аҳолии ноҳия ва берун аз он бо маҳсулотҳои тару тоза хуб заҳмат кашида, дар ин самт ба дастовардҳо ноил гардиданд. Натиҷаи меҳнати арзандаи хоҷагидорони ноҳияро ҳангоми сафари кори Пешвои миллат – Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо баҳои баланд арзёбӣ намуданд, ки ин нишонаи боварии Президенти кишвар ба мардуми ноҳия мебошад.

Ҳозирини гиромӣ!

Имрӯз Ватани азизи мо дар партави сиёсати Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯ ба тараққӣ ниҳода, дар баробари ҷомеаи ҷаҳонӣ бо суръати кайҳонӣ пеш меравад.

Дӯстони азиз!

Албатта соли равон бе камбудӣ набуд, вале таъкид менамоям, ки ҳар кори хато моро аз эҳсоси масъулият хабардор намуда, дар заминаи худ амали хайре дошт ва мо тавонистем, ки ба мақсадҳои пешбинишудаи худ расида, барои пешравии ҷомеа саҳмгузорӣ намоем.

Бо умеди фардои дурахшони кишвари маҳбубамон мардуми меҳнатдӯсти ноҳияи Қубодиён азми қавӣ доранд, ки дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ноҳия корҳои созандагию бунёдкориро идома диҳанд.

Бо ин ниятҳои нек, аз фурсати муносиб истифода бурда ҳамаи Шумо ва тамоми мардуми шарифи ноҳияро бо фарорасии Соли нави мелодии 2018-ум самимона муборак бод намуда, ба ҳамаи Шумо хонаи обод, тинҷию осудагӣ, дастархони пурфайзу баракат ва баҳри ободию пешрафти Ватани азизамон муваффақияту бурдбориҳо таманно менамоям.

Бигзор соли нави 2018-ум соли бобарору соли амалии умеду орзуҳои Шумо гардад.

**Соли нав муборак, ҳамдиёрони азиз!**

# АХБОРОТ

## ОИДИ ИҶЛОСИЯИ СЕЗДАҲУМИ МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ (ДАЪВАТИ ПАНҶУМ)

28 декабри соли ҷорӣ дар толори маҷлисгоҳи макомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия иҷлосияи сездаҳуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи (даъвати панҷум) доир гардид. Дар кори ичлосия муовинону рохбари Дастгохи раиси нохия, мудирони бахшу шуъбахои мақомот, роҳбарони идораю ташкилотҳо, раисони ҷамоатҳои деҳоту шаҳрак, директорони муассисаҳои таълимӣ, масъулони ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони соҳаи тандурустӣ, раисони кумитаҳои маҳаллаҳо ва имомхатибони масҷидҳо низ даъват шуда буданд. Иҷлосияро раиси ноҳия Файзуллозода Зафар ифтитоҳ карда, кайд намуд, ки аз 40 нафар вакилон 4 нафар бо сабабҳои узрнок ҳузур надоранд. Бо пешниҳоди вакил Тоиров Толибҷон ва дастгирии якдилонаи вакилон котибони иҷлосия дар ҳайати зерин тасдиқ гардид.

Тоҷиев Алӣ- вакил аз ҳавзаи интихоботии №4 – раиси котибот

Шарипов Бахтиёр- вакил аз ҳавзаи интихоботии №13

Зокирова Зоя- вакил аз ҳавзаи интихоботии №21интихоб шуданд.

Дар иҷлосия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Рӯзномаи иҷлосия:

1. Ҳисоботи раиси ноҳияи Қубодиён дар соли 2017

2. Рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2007, №272«Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶумҳурииТоҷикистон» дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти ноҳия.

3. Ҳисоботи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Қубодиён «Оид ба қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният»

4. Дар бораи пешниҳоди раиси Комиссия оид ба баррасии пешакии масъалаҳои вобаста ба номгузорӣ ва тағйир додани номи маҳалҳои аҳолинишини назди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Қубодиён дар бораи номгузори кардани як қатор мавзеҳои қаламрави Ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав, аз қабили «Равшанобод ба минтақаи «Саноатӣ», МТМУ-и №7 ба номи шодравон Абдурахимов Худойназар, кӯчаи деҳаи«Арабхона» ба номи Норимбекзодаи Фариддун Тухта ва кӯчаи деҳаи «Равшанобод» ба номи Муродов Имомали Хурсандович, деҳаи «Палвонтуғай»-и ба деҳаи «Бутаззор», мавзеи «Яртингунбаз» ба мавзеи «Нимгунбаз», дараи «Тулқинсой» ба дараи «Рубаҳхона», дараи «Қаровултеппа» ба номи дараи «Дидбонтеппа», мавзеи «Элчихона» ба мавзеи «Сафирхона»,дараи «Улҷайти» ба «Ҷайрадара», мавзеи «Қуммазорат» ба «Регмазор», чарогоҳи «Палвонтуғай» чарогоҳи «Буттазор», дараи «Ҷоғуртош» ба дараи «Ҷилосанг», Ҷамоати деҳоти ба номи И.Ниёзов ба номи қаҳрамони Сотсиалистӣ Холиёр Қурбонов, деҳаи «Чинортуғай»-и Ҷамоати деҳоти Заркамар ба деҳаи «Чанорзор», деҳаи «Рӯдақул» ба деҳаи «Рӯдакӣ», «Чимғилиш-1»-«Баҳористон», «Чимғилиш-2»-«Гулистон», кӯҳи «Ойхотун» ба кӯҳӣ «Моҳхотун», чарогоҳи «Қунғуротадир» ба «Пистазор» чарогоҳи «Калтакул» ба чарогоҳи «Кулак», чарогоҳи «Қарғали» ба чарогоҳи «Ғулбадор», дараи «Каттасой» ба дараи «Сойи калон», чашмаи «Қурбонбулоқ» ба чашмаи «Қурбон», чашмаи «Чирчиқбулоқ» ба чашмаи «Хингчашма».

5. Дар бораи иҷрои буҷети ноҳия дар соли 2016 ва тасдиқи нақшаи он барои соли 2018

6. Дар бораи муқаррар намудани меъёрҳои андоз ва пардохти ҳатмии алоҳида.

7.Тасдиқи нақшаи кории Маҷлиси вакилони халқ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия.

8. Дар бораи тасдиқ намудани қарорҳои раиси ноҳияи Қубодиён, ки дар байни иҷлосияҳои дувоздаҳум ва сездаҳум қабул гардидаанд.

Аз руи масъалаи якуми иҷлосия раиси ноҳия З.Файзуллозода баромад кард. Вобаста ба масъалаи дуюм мудири бахши дин М. Сабуров ва аз руи масъалаи сеюму чорум муовини авали раиси ноҳия Т.Шарипова баромад кард. Дар робита ба масъалаи чорум вакилон ибрози назар карданд. Вакилони ноҳия аз руи масъалаи хафтум карорхои қабулгамудаи раиси нохияро тасдиқ намуданд.

Дар кори иҷлосия намояндаи макомоти иҷроияи давлатии вилояти Хатлон сардори Раёсати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ Қурбон Маллазода иштирок ва суханронӣ намуд. Дар ҷамъбасти кори иҷлосия Зафар Файзуллозода ҳозиринро ба соли нави мелодӣ-2018 табрик гуфтанд.

№01 (8259) СЕШАНБЕ, 2 ЯНВАРИ СОЛИ 2018

# СОЛИ НАВ, АРЧА ВА БОБОИ БАРФӢ

Соли нав яке аз ҷашнҳои қадим буда, таърихи дурру дароз дорад. Ба ақидаи бостоншиносон зиёда аз 5 ҳазор сол пеш дар Мисри Қадим онро ҷашн гирифта ба ин муносибат дарахтонро оро медоданд. Баъдтар дар замони ҳукмронии император Гай Юлий Сезар (солҳои 100 - 44 то милод) ҷашнгирии Соли нав ба 1 январ баргардонида шуд. Дар асри 16 ин анъана дар Олмон роиҷ шуда, ба тамоми кишварҳои Аврупо паҳн гардид. Дар охири асри 17 Пётри 1 таҷлили Соли навро бо оро додани арча дар Руссия ҷорӣ кард. Дар солҳои Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ, ки Олмон рақиби Руссия буд, калисои православии Рус ҷашнгирии Соли навро ба хотири аз Олмон паҳн шуданаш манъ кард. Боз як бори дигар таҷлили Соли нав бо оро додани арча дар солҳои 20-уми асри 20 аз тарафи зимомдорони шӯравӣ ҳамчун анъанаи куҳнаи феодалӣ манъ карда шуд. Танҳо соли 1936 ин ҷашн аз сари нав эҳё гашта, аз соли 1937 таҷлили он дар сартосари қаламравӣ шӯравӣ иҷозат дода шуд. Аз 23 декабри соли 1947 бо указан Президиуми Совети Олии ИҶШС 1 январ рӯзи истироҳатӣ эълон шуд. Яке аз хусусиятҳо ва рамзҳои хоси ҷашни Соли нав ин Бобои Барфӣ мебошад, ки ҳамчун падидаи дӯстиву муҳаббат, хушбахтӣ ва некукорӣ арзёбӣ мешавад. Бобои Барфӣ шоми Соли нав бо либоси ғайриоддӣ ва борхалтаи сеҳрноки худ пайдо шуда, мардумро, бахусус, бачагонро бо туҳфаҳо хурсанд мекунад. Ҳама вайро дӯст медоранд ва омаданашро бесаброна интизорӣ мекашанд. Дар кишварҳои мухталифи дунё Бобои Барфиро ҳар гуна ном мебаранд. Масалан, Святой Николай, Санта Клаус, Пэр-Ноэл, Юлниссаар, Йиулувана, Дед Мороз ва ғайра. Дар Итолиё бошад дар нақши Бобои Барфӣ зан аст, ки онро Бефана меноманд. Румиҳо бошанд Бобои Барфиро Мош Джериле ном кардаанд. Дар Руссия вайро Дед Мороз, дар Узбекистон Қор-Бобо ва дар Озарбойҷон Шахта-Баба мегӯянд. Хулоса, ҳар номе, ки нагузоранд, дар ҳама ҷо ҳангоми таҷлили Соли Нав Бобои Барфиро интизоранд ва шоми Соли навро бе вай тасаввур карда намешавад.

**Маҳмудҷони Абдулаҳад**
**омӯзгори МТМУ-и № 50.**

# ТАМАННИЁТИ СОЛИНАВӢ

Муборак ҳамдиёрон,
Соли нави мелодӣ!
Бигзор бахри моён
Оварад бахту шодӣ.
Бигзор ки дар соли нав,
Гул кунад Тоҷикистон!
Шавад сарсабзу хуррам
Ба мисли боғу бӯстон.
Бигзор Паёми Пешво,
Ба мо раҳнамо бошад!
Кишвари мо ҳамеша
Дар нашъунамо бошад.
Бигзор мустаҳкам бошад,
Боз ҳам ваҳдати миллӣ!
Ҳар кучо сухан гуем
Аз сулҳу аз якдилӣ.
Бигзор Парчами миллӣ,
Ҳар замон бол кушояд!
Ба рӯи мардуми мо
Дари иқбол кушояд.
Суруди миллӣ ҳар дам,
Танинандоз бошад!
Халқи олам ба моён
Ҳамдаму ҳамроз бошад.
Бигзор аз рӯи олам,
Гум шавад номи террор!
Мардуми мусалмонро
Худо бошад нигаҳдор.
Бигзор бахри деҳқонон,
Соли бобарор бошад!
Нусрати Парвардигор
Беҳаду канор бошад.
Бигзор ки насли наврас,
Хубу аъло бихонад!
Қадри Модар-Ватанро
Боз бештар бидонад.
Бигзор ҳар ҷавоне,
Бошад баномусу ор!
Бар боварии Пешво
Бошад мудом сазовор.
Бигзор дар ин соли нав,
Маҳкамтар баста миён
Намоем боз зеботар
Ин мулки Қубодиён!
Бигзор зи рӯи танзим,
Бинмуда сарфакорӣ
Мискину бенаворо
Бо ҳам кунем ёрӣ!
Бигзор ки боз бештар
Шукри Худо бигӯем,
Роҳи тараққии худ
Мо нав ба нав биҷӯем!
Бигзор давлати мо
Бошад аз ин зиёда!
Бо ҳам сухан бигӯем
Бо чеҳраи кушода
Бигзор соли тоза,
Сулҳу сафо биёрад!
Бар дӯстони дерин
Меҳру вафо биёрад.

**Маҳмудов С,**
**Директори МТМУ №34**

# МАНУ ТУ

Ману ту агар чӣ дурем,
Вах чӣ хушам аз садоят!
Он чунон ишқи ту дорам,
Мемирам рӯз бароят.
Ману ту ду ошиқи зор,
Ба ҷуз ишқ асар надорем.
Синаҳо пури муҳаббат,
Давлати дигар надорем.
Ман, ки хуршеди ту бошам,
Моҳтоби дар шаби ман.
Аз нахустин бӯса монда,
Гармиҳое дар лаби ман.
Лаҳзае биё ту акнун,
Нест дигар сабру қароре,
То ба кай роҳи ту поям,
Ману ин ду чашм чоре?!
Ману ту дурему дурем,
Бекарорам аз садоят.
Ҳар даме тилфон дар гӯш,
Мемирам охир бароят.

**Маҳмадулло Расулӣ**

# ХАЗЛҲОИ СОЛИНАВӢ

Марде аз дӯсташ пурсид:
- Соли навро пешвоз мегирӣ?
Дӯсташ дар ҷавоб гуфт:
- Соли нав мисли хушдомани ман аст, вайро пешвоз гирӣ ё нагирӣ аздусар меояд.

***

Як рӯз пеш аз Соли нав зан ба шавҳараш СМС равон карда, мугӯяд:
– Сагро хӯрок деҳ! Торт бихар! Гулҳоро об деҳ! Баъди чанд соате шавҳар ғазаболуд занг мезанад:
– Чандин мағозаро давр задам, аммо торти «Гулҳоро об деҳ» нест.

***

Шаби Соли нав писараке ба модараш мегӯяд:
- Модарҷон, биё, имшаб соати ёздаҳуним якҷоя фарёд мезанем:
«Соли нав муборак!», «Соли нав муборак!»
- Барои чӣ?,
- мепурсад модар.
- Барои он ки ҳамсояҳо фикр кунанд, ки имсол Соли нав ним соат пеш ба хонаи мо омадааст.

***

Шунидам, ки марде норозиёна мегуфт:
- Ду сол пеш соли маймун, соли гузашта соли мурғ, имсол соли саг.
Пас кай мо мисли инсон зиндагӣ мекунем?!

***

Бобои Барфӣ дар роҳ духтаракеро вохӯрда мегӯяд:
- Соли нав муборак, наберачонам. Фақат ман барои Шумо туҳфаи солинавиро фаромӯш кардам. Духтарак:
-Ҳеҷ гап не, бобоҷон. Ба ҷойи туҳфа пули нақд ҳам диҳед, мешавад.

****

Падару модар дар Соли нав барои писарашон дутор хариданд, лекин тор надошт.
–Раҳмат.
- изҳори миннатдорӣ кард писарак. Аммо торҳояш канӣ?
– Ҳама чиз яку якбора неку, писарам. Дуторнавозиро, ки ёд гирифтӣ,баъд торҳояшро мехарем.

****

- Ба ту чӣ туҳфа карданд дар соли нав?
– Ҳо дар таги тиреза мошини Мерс-600-и рангаш кабудро дидӣ?
–Ҳа, дидам, мошини зур-ку!
– Ана мисли ранги ҳамон мошин ба ман кулоҳ туҳфа карданд.

****

Баъди ҷашни Соли нав марде, ки аз мастӣ дар пояш истода наметавонист, аз зане мепурсад: –Хонум, лутфан, Шумо наметавонед роҳи хонаи маро ба ман нишон диҳед?
– Метавонам,
- мегӯяд зан.
Аммо Шумо аз куҷо медонед, ки ман дар кадом самт зиндагӣ мекунам?
– Даматро гир! Рафтем, ман занат ҳастам.

***

Писараке аз модараш мепурсад:
- Модарҷон, падари ман кист?
– Бобои Барфӣ. – ҷавоб медиҳад модар.
– Чӣ хел, Бобои Барфӣ?
– Ана ҳамин хел, як шаб омаду туро ба ман туҳфа кард ва рафт.

***

Баъди ҷашни Соли нав байни зану шавҳар баҳс мешавад, ки кадоме аз онҳо бояд табақу қошуқро бишӯяд. Дар охир зан мегӯяд:
– Майлаш, бо навбат мешӯем, як сол ман ва як сол Шумо. Имсол навбати Шумо.

***

- Азизам, дар Соли нав ба ту чӣ туҳфа кунам?
– Оҳ, ман ҳатто намедонам аз шодӣ чӣ гӯям.
– Майлаш, то соли дигар фикр кун.

****

Марде аз 31 декабр маст шуда саҳарии 2 январ ба худ меояд ва бо табъи хира аз занаш мепурсад:
Соли нав гузашт?
– Оре, гузашт. Чӣ буд?
- Имрӯз чандум?
- Дуюми январ. – Чӣ? Имсол якуми январ набуд?

**Таҳия ва тарҷумаи**
**Маҳмудҷони Абдулаҳад**

# ТАБРИКОТ АЗ ИДОРАИ РӮЗНОМА:

Дар ин моҳ дар ҷумҳурӣ-7 декабр Рӯзи кормандони мақомоти молия, 14-декабр- кормандони прокуратура, 22 декабр- энергетикҳо, 28 декабр –Рӯзи кормандони мақомоти амнияти миллӣ қайд карда мешавад. Ҳайати эҷодии рӯзномаи «Тахти Қубод» кормандони молия, прокуратура, соҳаи барқ ва мақомоти амнияти миллиро бо фарорасии идҳояшон табрику таҳнният гуфта, дар кору зиндагӣ ва фаъолияти ҳаррӯзаашон ба манфиати давлату ҷомеа барору бурдборӣ ва саодату хушбахти орзу менамояд.

# КӮМАКИ СОХТОРҲОИ ҚУДРАТӢ БА МАКТАБ ИНТЕРНАТ



**Дасти мадад дароз намудан ба эҳтиёҷмандону қишри камбизоати ҷомеа, кумак ба ятимону маъюбон яке аз самтҳои муҳими сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Дар ноҳияи мо ҳам бахри дар амал татбиқ намудани сиёсати мазкур ҷораву тадбирҳои муассир андешида шуда, дар баробари ташкилоту муассисаҳо шаҳрвандони ҳимматбаланд низ баро иҷрои амалҳои хайрхоҳонаву инсондӯстона майлу иқдом менамоянд.**

Дар арафаи таҷлил аз 26-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ. Рӯзи Парчами давлатӣ ва ҳоло иди Соли нави мелодӣ-2018, ашхоси саховатманд садақаи ҷорияи худро бо нияти хайр ба табақаи ниёзманд- нобиноён,оилаҳои бесаробонмонда, маъюбони гурӯҳи 1-2-юм, иштирокчиёни ЧБВ, дар маҷмӯъ ба 46 нафар кумаки яквақтаи молӣ расонданд.

Инчунин иттиҳодияҳои динӣ ва хоҷагии ҷангали ноҳия ба дидбонгоҳҳои сарҳадии воқеъ дар ҷамоатҳои Т.Сангин ва Навобод мустақар буда, маводҳои ғизоӣ аз қабили орд, равған, биринҷ,гӯшт ва ғайраҳо расонданд барои сарҳадбонон дастурхони идона ва консерт низ ташкил намуданд.

Аз ҷумла айёми иду ҷашнҳои миллӣ ба мактаб-интернати ноҳия, ки 381 нафар муҳассилин(аз онҳо 46 нафарашон дар хобгоҳ будубоши доимӣ доранд)дар ин даргоҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ғайр аз кумаку ёрмандиҳои ҳамешагии сарпараст-Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон аз ҷониби ашхоси алоҳида маводи хурокаву шириниҳо ва ашёи хониш пешкаш мегардад.

Директори мактаб-интернат Муродгул Хаспалаева зимни сӯҳбат ба «Тахти Қубод» иброз дошт, ки чанд рӯз пеш намояндаи мақомоти прокурории вилояти Хатлон,Зоирзода ба даргоҳи мо ташриф оварда, шогирдону устодонамонро ба иди Соли нав табрик гуфт ва як миқдор сару либосҳои тагпӯши духтаронаву бачагона тақдим намуд.

Шуъбаи амнияти ноҳия бо сардории Шоир Юсупов бо ташкили дастурхони идона, тақдими халтачаҳои солинавӣ ва консерт хотири тарбиятгирандагонро болида доштанд.

Сардори ШКВД-майори милитсия Шавкат Давлатзода ғайр аз маводҳои ғизоӣ-орд, равған,тухм ба бачаҳо 46 ҷуфт пойафзол тӯҳфа намуда, онҳоро сари дастурхони идона оросста шинонданд.

Ш.Давлатзода бо бачаҳо сӯҳбати хотирмоне доир намуда аз онҳо тақозо намуданд, дар ивази ин ғамхориҳо бо баҳои хубу аъло ба таҳсил идома диҳанд ва ҷаҳду талош намоянд, ки дар оянда дар ҷомеа шахсони сазовор камол ёфта ҷою мақоми хешро соҳиб шаванд.

**Адолатҷӯ**

# БА УСТОД УСМОН БИЛОЛӢ

Хомаи ту тӯҳфа аз баҳри умед,
Дар замири халқ дӯстӣ оварад.
Баҳри Меҳан ҳам вафою эътиқод,
Одамиро бар дурустӣ оварад.
Худ ҳалим ҳастию марди нуктасанҷ,
Қалби моро рӯ ба ҳастӣ оварад.
Дар сарои назми ту ёбем ганҷ,
Чун дили ошиқ ба мастӣ оварад.
Мисраҳои шеъри рангинат мудом,
Ваҳдату меҳанпарастӣ оварад.
Бо назокат, бо фасоҳат ҳар сухан,
Завқи мо бар гулпарастӣ оварад.
Дар баҳори шастумин монда қадам,
Пандҳоят роҳи ростӣ оварад.

**Шералӣ Шехвалӣ**

БА БЕМАСЪУЛИЯТӢ ҶОМАИ ДУРУҒ ПӮШОНДАНД.

# ҚУБОДИЁНИ «МАХУФ»?

«Ноҳияи Қубодиён ягона аз навоҳии Хатлон ба ҳисоб меравад, ки бозори марказии он дар рӯ ба рӯйи ҳукумати ноҳия воқеъ аст. Ин имкон медиҳад, ки масъулин ҷуссаҳои худро аз курсиҳо ҳам набардошта аз тирезаи ҳуҷраҳои корӣ набзи ҷомеаро мушоҳида кунанд. Аммо бозори ноҳия орому рафтуойи мардум корвони хомӯши мурчаҳоро мемонад, ки ҳар нафаре аз пайи кути лоямут сарсону саргардонанд. Инҷо тӯли солҳои зиндагии ҳамаҷояи тоҷикону узбакзабонҳо як маданияти хоссае пайдо шудааст.Агар аз раҳгузаре суроғаи ин ё он шахсро пурсӣ, ҳатто агар мусоҳибат аз аҳли пайвандони шахси даркориат ҳам бошанд, ба Шумо як ҷавоб медиҳанд.Намедонам!!! Мардуми ин ноҳия умуман ба одами ношинос хоҳиши сӯҳбат кардан надоранд. Ҳамсафари мо, ки дар ноҳия замоне зиндагӣ ҳам кардааст, бо бовари мегӯяд: «Аз сӯҳбату мушоҳидаҳои зоҳирӣ ва аҳволи равонии мардум сирру асрори онҳоро кашф кардан имконнопазир аст. Қубодиёниҳо ягона чизе, ки дар бисот доранд, ин сирру асрори онҳост. («Бомба») дар Қубодиён, Миллат, №07 (233)18.02.2010».Бале дар ҳақиқат чунин аст. Бо вуҷуди он, ки башар тайи ду қарни гузашта ба дастовардҳои бузурги илмӣ мушарраф шуд ва дар кашфи табиат ва коинот тақрибан тавфиқ ёфт, аммо ба эътиқоди аксари файласуфони бузурги ғарбу шарқ он чи дар ин миён то кунун нашнохта мондааст, худи инсон аст. Ин бузургон пешрафти беҳадафи имрӯзи башариятро ба пила ташбеҳ кардаанд, ки бо танидани тор оқибат худ дар дохили пиллаи хеш ғофилгир мешаванд. Иллат дар тағири хуйи инсон аст. Инсони имрӯз дар миёни ин ҳама молу ашё, васоили техникаи ҷадид, ки барои масрафаш он қадар ҳайрону ғариб мондааст, ки лаҳзае барои андеша кардан дар мавриди асолати хеш фурсат надорад. Ин инсони ғариб фиребо дар байни ин ҳама таҳаввулоти олам шабеҳи пойандозе, ки дар тӯйҳои суннатӣ мавриди кашмакаши мардони ҳузарб қарор мегирад ва тика-тика дар чанголи ҳар ки бошад мемонад. Ӯро бояд кӯмак кард. Роҳнамоӣ ва ҳидоят намуд. Манзур аз ин таъкид даст кашидан аз дастовардҳои ҷадиди башарият ва чун рӯҳбонон- суфиён паноҳ бурдан дар кунҷи ғорҳо ва пахнои кӯҳу ҳомун нест, аслан. Балки интихоби дурусти огоҳона ва истифодаи оқилонаи инсон аз неъматҳои мавҷуда мебошад.Дар ҳақиқат шайтони воқеъӣ вуҷуд надорад, балки акси аъмоли бади худи мост, ки ба мо даргир аст. Шайтон низ як банда дар хизмати инсон аст. Шайтон замоне воқеъият пайдо мекунад, ки инсон аз асолат ва ҳувияти хеш ғофил гуфтааст, зеро :

**Хуфта бедор кардан осон аст,**
**Ғофилу мурда ҳарду яксон аст.**

Бо таваҷҷӯҳ ба ҳамин воқеиятҳои талх ҳадафи аслӣ ҳушдор ба инсон ва ҷомеа мебошад.… Ин одат танҳо хоси ман нест.Гоҳо чунин мешавад, ки афроде мисли ман ба ин эътиқод, ки дигар гӯши суханшунав боқӣ намонда аз кору эҷод бо як дилсардӣ даст мекашанд. Худро аз ҷомеа канор гирифта гӯшанишини ихтиёр мекунанд. Аз ҳаёт дилсарду ноумед мешаванд.Ғофил аз ин нуқта, ки паёмади ин гуна тафаккур хеле зиёнбор хоҳад буд, зеро шояд рӯзе гӯши суханшунав пайдо шавад, вале он фурсату истеъдодро баркарор кардан ғайри имкон аст. Танҳо нӯшдорӯи ин гуна беморӣ дидору мулоқот ва дар сӯҳбати мардони хирад нишастан аст.Сӯҳбати тоза бо афроди фавқулодда дубора маро такон медиҳад, то бинависаму бинависаму бинависам.Чаро мо инсонҳо дар оғози қарни ХХ1 аз Саноиву Аттор ва Мавлоно камтар мегӯем.Эҳ, инсон, инсон ! Ҳанӯз дар ҳалли як кӯчаем!Дар зиндагии ҳар кадоме аз мо кам итифоқ меафтад, ки дар баробари тамоми рӯйдодҳо нигоҳи яксон ва холисона дошта бошем. Гаҳе ҳолатҳое пеш меояд, ки ба хотири касе ва ё чизе аз гуфтани он чӣ ки лозим аст, худдорӣ мекунем, ё ба забон гапҳоеро мегӯем, ки дар кунҷи диламон нест. Бо ин вуҷуд дар гиру монҳои рӯзгор инсонҳои ангуштнамое ҳастанд, ки дар баробарашон намешавад бо ҷандрӯӣ сухан гуфт.

**Моем ба аслӣ матлаб. Шингиле аз соли рафта тӯҳфа ба раиси ҷамоати У.Назаров Нурмаҳмад Юсупов, танҳо ба хотири таъмин накардани нақшаи обунаи "Тахти Қубод"**

25-августи соли равон дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи 26-солагии Истиқлолияти давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, мукофотҳои давлати, рутбаҳои баланди низомӣ ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ супориданд.

Дар аввал шунидани ин хабар аз он, ки дар ин радиф ду нафар аз сокинони ноҳияи мо низ буданд хушҳолам намуд.Бале, ду нафаре,ки бо кӯмаки хирсонаи дастандаркорон, баъди «чустуҷӯ»ю шояд борҳо дар паллаи тарозу «вазнашон»-ро баркашидан дар чанд соли охир ба руйхати гирандагони мукофоти давлатӣ сабти ном шуданд. Ин хуштолеъон Муҳаммадёқуб Шарипов директори совхози давлати зотпарварӣ ва Нурмаҳмад Юсупов раиси ҷамоати ба номи У.Назаров буданд, ки чунин шарафи баландро соҳиб гаштанд. Зеро гирифтани тӯҳфа, яъне медали Хизмати шоиста аз дасти Ҷаноби Олӣ на ба ҳар кас муяссар мегардад, ки муборакашон мегӯем.

Лек фиребу найранг ҳам ҳадду ҳудуд доштагист. Вақте ба шахси аввал дурӯғ мегӯем, магар ҳуқуқи маънавии дар вазифаҳои давлатӣ кор карданро дорем, а, масъулин? Ҳаргиз не!

**Зулайхо мурд аз он ҳасрат, ки Юсуф гашт зиндонӣ,**
**Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ.**

Илоҷи воқеъ пеш аз вукӯъ гуфтаанд. Ба таъбири халқи инсон «шири хомхӯрда» аст. Бе ягон андеша гоҳо дар ҳаёт кореро ба анҷом мерасонад, вале сахт пушаймон гашта дигар оҳу вовайлояш, мушти надомат ба сар кӯбиданаш суде намебахшад. Дар мисоли як нафар сарфармондеҳи олирутбаи флоти ҳарбӣ-баҳрии Руссия, ки ҳинни сар задани фоҷеа яъне ғарқ шудани киштии атомӣ-зериобии «Курск» ба В.Путин маълумоти бардурӯғ дода, киштии зериобии дигар давлатро гунаҳкор намуд. Ахиран баъди ошкор шудани ҳақиқат бо ҷурми гумроҳ намудани Президент муҷозояш шармандавор аз кор ронда гардид. Як нафар шахси огоҳ нақл мекунад, ки солҳои 1953-юми асри гузашта, давраҳои сталинӣ дар сарҳати дипломи хатмкунандагони омӯзишгоҳҳо чунин навиштаҷот «Кадры решают всё!» кадрҳо ҳама чиро ҳал мекунанд дарҷ шуда буд. Аммо ин он маъноро надорад, ки ба иззати нафси мардум расида бо манфиатҳои худро дар madди аввал гузоштан ба тақдири халқ бозӣ намоем ва ба роҳ додан ба саҳлангорӣ ҷомеаро ба гумроҳӣ барем.

Мутаассифона вақтҳои охир чунин ҳодисаҳои нангин, ки ҳар шахси солимфкрро сари андеша мебарад бо айби чӣ касоне дар ноҳия зуд-зуд рух медиҳад. Дар ҳоле, ки як пиразани кӯҳистонӣ аз ҳисоби пасандозхояш барои савоби ҷория купрук месозаду маблағҳояшро харҷи таъмири роҳи маҳали зисташ мекунад, мо аз он табли шодӣ мезадем, ки аз Қубодиён 127 нафар ба Ҳаҷ рафтанд. Гарчанде аз омӯзишу бардоштҳоям на ҳамаи онҳо имконияту шароитеро доштанд,дар сафи онон аз андоз қарздорон ҳам буданд. Зиёрати хонаи Худоро ба ҳар бандаи мӯъмин ба бандаи камтарин ҳам муяссар гардонад. Аммо ба андешаи бархе касон, ки гӯё онҳо бо 4 млн 150 ҳазор маблағҳои ҷайби худ, на бо кумаки каси дигар ба Ҳаҷ рафтаанд, билкул розӣ нестам.

Ба Нурмаҳмад Юсупов раиси ҷамоати У. Назаров низ дар дил ҳеҷ кинаву ғаразе надорам. Дар тӯли 20 соли собиқаи рӯзноманигориам боре ҳам дар хусуси ягон нафар раиси ҷамоат маводе таҳия накардаам. Инро хонандаи ман нек медонад. Зеро дар даҳсолаҳои охир ҳеҷ кадоме аз раисони ҷамоат ба манфиати халқ коре ба анҷом нарасондаанд, ки касе аз онҳо розиву корномаашон кирои навиштан карда бошад. Инҷо мехоҳам гуфторамро нисбат ба Н Юсупов идома бидиҳам. Марди оромтабиату хушмуомила ва мартабаи ҳоҷигӣ доштанаш ӯро миёни дигар ҳаммаслаконаш фарқ мекунонад. Дузанагиаш ҳам дар ҳоле, ки ҷомеа гирифтори бӯҳрони моливист, чиҳати сарпарастии як зан, агар боз фарзанд дошта бошад, судбахш аст, зиёне надорад. Аммо ҷойи дасташ фишурдану бо ин ифтихору шарафи бузург табрик гуфтан ҳама бо нигоҳи маънидори «Ҳа, Ҳоҷӣ худаш чи гап , магар қиммати медал ба дастовардҳоят баробар аст? Чаро инкор накардӣ вақте пешниҳодат менамуданд! Ё аз вазифа рафтанатро, ки дер боз миёни мардум миш-мишу овоза аст, аниқ дониставу ба чашми шахси аввал хок пошиданро шухӣ пиндоштӣ !» сӯяш менигарем. Ҳол он, ки ҷои як нафарро миёни мардум сарпасту хиҷолатзада сохтан нахуст мувафақияту пешравиҳо ва нуқсу камбуди натиҷаи корашро аҳалан дар маҷлиси назорати назди раиси ноҳия байни худ муҳокима мекардем то интихоб одилона мебуду кор чунин ранг намегирифт. Мутмаин мегаштем, ӯ арзандаасту ҳеҷ не, сокинони ҷамоати худаш ба сараш борони нафрат намерезанд. Лек чӣ мегӯед, ки «дарвозаи шаҳрро баста мешаваду даҳони халқро не» гуфтаанд. Дар ин маврид овардани дубайтиеро айни муддао мешуморам, ки А. Навоӣ гуфтааст;

**Наорад абр агар аз боришаш суд,**
**Надорад дар ҳаво фарқе вай аз дуд.**

Ҳамагон огоҳем, ки соли 2014 зимни сафари навбатии Президенти кишвар ба ноҳияи суханони дурӯғ аз қабили 6 км роҳҳои ҷамоати У.Назаров пурра таъмир ва мумфарш гардидро дар маърӯзаи Ҷаноби Олӣ ҷой намудем, ки то ҳол дар он роҳҳои валангор нақлиётҳо дар гардишу мардум дар равуоянд.

Бобати садамаҳои нақлиётӣ, ки ҳодисаҳои ноҳуш ва тасодуфист, худкушиву бо роҳи заҳролудсозӣ қасди худкушӣ намудани занон, дастдарозии падаршӯ (хусур) ба келинаш, аз ҳам пошидани оилаҳо, сӯхтани зироатҳо аз беобӣ ба расидани доди хоҷагидорон ба фалак, ки ба қавле дар саргаҳи насосҳоянд, дар аввали мавсим майдони киштӣ ниҳолакони пахтаро ба малах хӯрондан, бо чӣ қадар дилхунӣ таъмини иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон, андоз, ҷамъоварии ҳаққи хизматрасонии обу барқ чизе намегӯем, зеро ин мушкили на танҳо ҷамоати У.Назаров, балки тамоми ҷамоатҳои қаламрави ноҳия мебошад. Аммо муовини идеологӣ надоштани ҷамоат, соли гузашта аз тарафи як гурӯҳ авбошон дар рӯзи равшан миёни пахтазорон зан-модареро ба ҳалокат расондан, аз усулҳои ҷадиди корбарии муҳтарам Юсупов Н аст, ки ӯро ба «мартабаҳои баланд» расонда. Дигаронро мебояд аз тарзи «корбарӣ»- и эшон омӯзанд.

Ай мардуми огоҳ ! Магар фаромуш кардаед, ки умри дурӯғ кӯтоҳ асту фиребгарро ҷоҳ дар пеш!

Дар хотима; Ба худ меандешам. Дар гардишҳои пурпечутобу пастобаландиҳои зиндагӣ ба даст овардани боварию эътиқоди оммаи меҳнаткаш на ҳар касеро муяссар мегардад. Шояд, аспи ҷавмасти мансаб барои Нурмаҳмад, ҳамагӣ як маротиба «гашти одилона» намуд, ки шабеҳ ба кӯҳнаварди -бехунар аст, ки фатҳи қулла натавониста-нашро айб дар баландии кӯҳ медонад . Ин ба онҳое равшан аст, ки ӯро «розӣ» карда тавонистанд, хулоса менамоям андешаҳоямро.

Боқӣ ҳаволаи ҳаркиро ба худо мегӯям!

**Адолат Сайфуллозода**
**«Тахти Қубод»**

**ЗОДРӮЗ МУБОРАК !**
**ҲОҶӢ РАВШАН ҶУРАЕВ!**

**Бародари гиромиқадр, падари арҷманди хонадон Равшан Ҷураев ҷашни зодрӯз доранд. Ба сини 55 сола-**



**гии умри пурбаракат расиданашонро шодбош мегӯем. Бо дуо ва ихлоси самимиву бепоён ҷигаргӯшаҳошон: Самандар, Муҳаммадҷон, Алиакбар ва гули хонадон, нозбӯ ва мағзи донаи падар Меҳрангез меҳрномаи хешро ба мазмуни зайл дар арафаи Соли нави 2018-28 декабр,ки ба мелоди падар рост омадааст тақдим медоранд Ба ҳамаи ин таманниётҳои нек аҳли эҷоди «Тахти Қубод» низ шомиланд**

Падар эй чароғи хона! Марди дарё, марди дилҳо. Бо ту зиндагӣ боғе ҳаст,бе ту сарду зиндон.

Ҳарҷӣ дорам аз ту дорам, туӣ баҳори орзуҳо.Ҳанузам агар аз дастам нагирӣ, меафтам аз по…

Падар таваллудат муборак! Падар, ман ки падар шудаам, медонам чи ранҷҳое барои ман кашидаӣ, Ман медонам, ки бо чӣ сахтиҳое ниёзҳои маро бартараф кардаӣ.

Падар қасам ба тамоми рӯзҳои сарду гарме, ки бароям заҳмат кашидӣДӯстат дорам ва хаёлат бароям такягоҳе аст. Зодрузат муборак! Ба поси фидокориҳои бечашмдоштат, ба поси ҳамаи дардҳову ранҷҳое, ки ба танҳои бар дӯш кашидиву ишқи бузургат, ки арзонием буд, барои ту менависам. Барои ту, ки солҳои ҷавониат дар обилаи дастонат пинҳон шудааст ва бар лабҳоят мӯҳри сукут хӯрдааст. Дастонатро бар рӯям бикаш, мехоҳам зери онро ламс кунам то шояд ӯ бигӯяд, ки чӣ қадар бароям заҳмат кашидаӣ. Падар то ҳол ҳар чӣ доштаам аз ту будааст, барои доштаҳои дирӯзу имрӯз аз ту муташаккирам. Таваллудат Муборак ва Рӯзат Гиромӣ бод Падар!Зеботарин вожа бар лаби одамӣ вожаи падар аст, Зеботарин хитоб «падарҷон» падар вожае аст саршор аз умеду ишқ. Вожаи ширину меҳрубоне, ки аз самими ҷон бар меояд. Падари азизам Таваллудат муборак!Падарҷон, нигоҳи меҳрубони садои дилнишинат ҳамеша марҳами дили ман дар ин ғурбатсаро аст, бидон ки барои ман беҳтаринӣ. Таваллудат муборак бод!Дар осмони обии дилам, ҷое барои абрҳо нест. Падарам! Дуъоям кун, ки бо дуъот, дилам хонаи дардҳо нест. Азизтарин азизам, милодат муборак!

Ба дунболи Қашангтарин вожаҳову калимаҳо мегардам, аммо ҳеҷ калимаву вожае наметавонад азамати ҳузури туро дар зиндагии ман васф кунад. Фақат мегӯям « Дӯстат дорам» Зодрӯзат муборак!Падарам, тоҷи сарам, ту эътибори манӣ, ту такягоҳи манӣ. Бидуни туву муҳаббатҳои бепоёни ту ҳеҷам. Умедворам битавонам фарзанди хубе барои Шумо бошам. Беҳтарин падари дунё, Зодрӯзат муборак!Падари Меҳрубону хубам аз ҳамате, ки дар ин солҳо барои ман кашидӣ сипосгузорам, ва аз Худо мехоҳам сояи меҳрубонат то абад бар сарамон бимонад. Таваллудат Муборак!Падар, ту тапиши қалби хонаӣ; Вақте ҳар субҳ, бо тулӯи Ишқ аз хона берун меравӣ ва бо кашиши ишқ, дубора боз мегардӣ. Туро ба ман Ҳадя доданду ман имрӯз, тамоми ҳастиямро ба ту ҳадя хоҳам кард; Агар бипазирӣ… Зодрӯзат Муборак Падарҷон!Падарам роҳи тамоми зиндагист, падарам дилхушии ҳамешагист. Таваллудат Муборак Падарҷон!Падари азизам, рӯзи милодатро бароят табрик мегӯям ва самимона бар дастони пуробилаат бӯса мезанам. Падар бишнав ин ҳарфи Фарзанди хеш, Азизу гиромиву дилбанди хеш.

**Туӣ мояи буду пайдоишам,**
**Канорат ба нозу ба осоишам.**
**Падар такягоҳи вуҷуди манӣ,**
**Ту сармояи ҳастиву буди манӣ.**

**Падари азизам Таваллудат муборак!**

## БИНОҲОИ ДАВЛАТИЮ МАНЗИЛҲОИ ИСТИҚОМАТИРО АЗ ОТАШ ҲИФЗ НАМОЕМ



Ҳамасола кормандони Қисми мустақили-49-уми ҳарбикунонидашудаи хадомоти давлатии оташнишонӣ оид ба муҳофизати ноҳияи Қубодиён дар манзилҳои истиқоматии шаҳрвандон, корхонаву ташкилотҳо, муассисаҳои дар ҳудуди ноҳия ҷойгир буда корҳои профилактикӣ- оташнишонӣ гузаронида соҳибони манзилгоҳҳо, роҳбарону шахсони мутасаддии зидди сӯхтори корхонаву ташкилотҳо ва муассисаҳоро пешакӣ аз ҳодисаи нохуши сӯхтор огоҳ менамоем.Муттасифона, бинобар сабаби хунукназарӣ, бемасъулияти зоҳир намудани шаҳрвандон, сариваќт наандешидани чораҳои зарурӣ аз тарафи масъулин ва риоя накардани одитарин қоидаҳои назорати давлатии бехатарӣ ҳодисаҳои нохуши сӯхтор ба амал омада дар натиҷа молу мулки давлатӣ ва шахсии шаҳрвандон зери хатари оташ мемонад.

Чи тавре, таҳлили сӯхторҳо нишон медиҳад дар давраи 12 моҳи соли 2017 дар микёси ноҳияи Қубодиён 14-адад ҳодисаи нохуши сӯхтор ба қайд гирифта шудааст,ки маблағи зарар аз сӯхтор 41920 сомониро ташкил медиҳад. Дар рафти хомуш намудани сӯхторҳо 605800 сомонӣ молу мулки давлатию шахсии шаҳрвандон аз сӯхтор эмин нигоҳ дошта шудааст. Аз ин лиҳоз якчанд мисол овардан ба маврид аст, ки дар таърихи 03.04.2017-ум дар хонаи истиқоматии шаҳрванд Ҳаитов Шамсиддин воқеъ дар ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав деҳаи Қиёти ноҳияи Қубодиён, тахминан соатҳои 00,15 дақиқа аз сабаби вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ҳангоми истифодабарии дар як васлкунаки барқи се адад таҷҳизотҳои барқӣ сӯхтор ба амал омадааст, ки боиси марги ду нафар кӯдаки хурдсол гаштааст.Дар таърихи 14.07.2017 дар хонаи истиқоматии шахсии шаҳрванд Асоев Меҳроҷ воқеъ дар ҷамоати шаҳраки Қубодиён деҳаи Қиёт инчунин дар таърихи 19.07-ҳамин сол дар хонаи истиқомати шахсии шаҳрванд Сафаралиева Хосият Сафаралиевна воқеъ дар деҳаи Ахча ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав аз сабаби вайрон кардани қоидаҳои бехатари аз сӯхтор, беэҳтиётона рафтор намудан бо оташ (танур) ва ҳамзамон дар таърихи 16.09.соли равон дар хонаи шаҳрванд Маҳмадов Кироммиддин Ҷамолович воқеъ дар ҷамоати И.Ниёзов деҳаи Зиракӣ аз сабаби беназорат гузоштани таҷҳизоти барқӣ (дарзмол) ва дар таърихи 22-декабр тахминан соатҳои 00,10 дақиқа дар оғилхонаи шахсии шаҳрванд Идиев Асҳобиддин Ҳошимович ҳангоми истифода бурдани гугирдчуб сӯхтор ба амал омад .

Беҳуда намегӯянд, ки пешгирии сӯхтор аз хомӯш намудани он осонтару арзонтар аст.

Бинобар ҳамин роҳбарияти Қисми мустақили-49-уми ҳарбикунонидашудаи хадомоти давлатии оташнишони оид ба муҳофизати ноҳияи Қубодиён аз ҳамаи роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, раисони ҷамоатҳо, раисони кумитаи маҳалҳо ва шаҳрвандон эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ба оддитарин қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор риоя намоянд то ин, ки молу мулки давлатӣ ва шахсии шаҳрвандон инчунин ҷони худ ва дигаронро зери хатари оташ нагузоранд.

**Содиқов Бахтиёр**

ВАРЗИШ

## САФИ ДӮСТДОРОНИ БОЗИИ ШОҲМОТ МЕАФЗОЯД

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш масъулини Вазорати Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуданд, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот дарси шоҳмотро ҷорӣ намоянд.**

Дар партави ин гуфтаҳои Сарвари Давлат дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42 ба номи Салим Кумаев маҳфили «Шоҳмотбозони ҷавон» ташкил карда шуд.Роҳбарии маҳфилро омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ Назокатов Азиз ба уҳда дорад. Имрӯз 42 нафар аз онҳо 8 нафарашон духтарон аъзои маҳфили «Шоҳмотбозони ҷавон»-анд. Маҳфил ҳафтае 3 маротиба баъди дарсҳои асосӣ миёни хонандагони синфҳои аз 1то 11 гузаронида мешавад.

То имрӯз 2 мусобиқаи муассисавӣ ва як мусобиқаи минтақавӣ дар байни муассисаҳои рақами 41,42,55 ва 56-и ҷамоати деҳоти «Навобод»гузаронида шуд. Дар мусобиқаи минтақавӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи №42-ҷои-1-ум, №56-ҷои 2-юм ва №41-ҷои 3-юмро соҳиб гардиданд.

Рӯз ба рӯз ҳаводорони ин бозӣ дар муассиса зиёд мегарданд. Чӣ тавре,ки шоҳмотбозӣ шинохта А.Алёхин мегӯяд : Шоҳмот пеш аз ҳама воқеъбиниро меомӯзонад.

Ман бовари дорам, ки омӯзгор Назокатов Азиз ба шогирдонаш оянда дар мусобиқаҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ иштирок намуда соҳиби ҷойҳои сазовор мегарданд.

**«Тахти Қубод»**

## ДИҚҚАТ ОЗМУН!

Бахши сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён 17 январи соли 2018 озмуни №1 оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд.

| Р/т | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзе-ҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (сомонӣ) | Муҳ-лати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати шаҳраки "Қубодиён кӯчаи И.Сомонӣ 37 | 15 м2 | маъмурӣ | 1200 | 1 сол |
| 2 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати шаҳраки "Қубодиён кӯчаи И.Сомонӣ 37 | 15 м2 | маъмурӣ | 1200 | 1 сол |
| 3 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати шаҳраки "Қубодиён кӯчаи И.Сомонӣ 37 | 15 м2 | маъмурӣ | 1200 | 1 сол |
| 4 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати шаҳраки "Қубодиён кӯчаи И.Сомонӣ 37 | 15 м2 | маъмурӣ | 1200 | 1 сол |
| 5 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати шаҳраки "Қубодиён кӯчаи И.Сомонӣ 37 | 20 м2 | техникӣ | 6000 | 1 сол |
| | | | | | | |

**Қабули дархост барои иштирок дар озмун ва бақайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар суроғаи: ноҳияи Қубодиён кучаи И.Сомонӣ 37 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.**

**Ҷойи баргузории озмун: н. Қубодиён кӯчаи И.Сомонӣ 37**

**Телефон барои тамос: 83251-22045, 93-587-89-49**

**Озмун соати 1000 баргузор мегардад.**

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба 10 (даҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби мақомоти мазкур гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан иҷорагир ба ҳисоби бахши сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён боҷи комиссиониро ба андозаи 5% аз ҳаҷми иҷорапулии солона месупорад.

## ЗАҲРОЛУДШАВӢ

(ботулизм)

**Заҳролудшавӣ чист?**

Ботулизм яке аз намудҳои шадиди бемории вазнини заҳролудшави мебошад. Заҳролудшавӣ бештар дар ҳолати истеъмоли ҳасиб ва маҳсулотҳои консервагӣ,помидор, бодиринг, боимҷон ва ғайра дар шароити хона тайёр кардашуда ба амал меояд. Дар ҳолати риоя накардани талаботҳои коркарди маҳсулот дар сатҳи лозими нашустани меваю сабзавот бaрангезандаи ботулизм афзоиш ёфта, аз худаш заҳр хориҷ мекунад. Дар чунин ҳолатҳо то андозаи фишори дохили зарф баланд гардида сифати маҳсулот низ ками талхиро мегирад, ки онҳо ҳар касс онро мушоҳида ва ҳис карда метавонад. Истеъмоли ин гунна маҳсулоти консерваги хавфнок буда, оқибатҳои нохуш дорад. Муҳлати пайдошавии нишонаҳои беморӣ.Баъди истеъмол ин гунна маҳсулот аз 12 то 36 соат то 5-7 рӯз ва ин ҳам зиёд аломатҳои заҳролудшавӣ дар организм пайдо мешавад. Муҳлати пайдошавии аломатҳо чи қадар кутоҳ бошад заҳролудшавӣ ҳамон қадар вазнин мегузарад.

Нишонаҳои заҳролудшавӣ:

Пе аз ҳама,

-хирашавии биниш,

-пайдо шудани ғубор ва сиёҳ дар пеши чашм,

-дуто дидани як ҷисм,

-ҳиси хушкӣ ва хориш дар гулу, бадан 2-3 рӯз,

-фалаҷшавии мушакҳои забон, коми мулоим ва гулӯ,

-дкшвор гаштани фурӯбарӣ

-дағал ва заиф гаштани овоз.

Дар ёд доред:

Дар вақти пайдоиши нишонаҳои заҳролудшавӣ соатҳои аввал ҳатман ба духтур муроҷиат кардан метавонад шахсро аз оқибатҳои нохуш нигоҳ доранд.

Роҳҳои пешгирии беморӣ:

-меваю сабзавотро тоза шустан,

-зарф ва болопӯшашро дар ҳарорати баланд безарар гардонидан,

-миқдори намак дар маҳсулоти консервагӣ на камтар аз 8-10% ро ташкил диҳад.

-меваю сабзавотҳои сифаташон хуб истифода шавад.

-ба ин кор танҳо шахсони таҷрибадор машғул шаванд.

Тарзи дуруст нигоҳ доштан ва истифодабарии он,

Маҳсулоти консервагӣ дар шароити ҳарораташ паст нигоҳ дошта шаванд.Дар ҳолати мушоҳида намудани зарфҳои болопӯшашон баландшуда ё дигаргун гаштани сифати маҳсулот аз истеъмолашон худорӣ кардан лозим аст.

**Духтури МТТХС : - Собиров М.**


**ТАХТИ ҚУБОД**

Муассис: Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён

**САРМУҲАРРИР**
***САЙФУЛЛОЗОДА АДОЛАТ***

Нишонии мо: 68943, н. Қубодиён, кӯчаи И. Сомонӣ 88.

Рӯзнома 23 декабри соли 2013 таҳти №0307/ рз дар Вазорати Фарҳанги ҶТ ба қайди давлати гирифта шудааст.

Рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳо чоп мекунад, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ метавонад мувофиқат накунад ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад, дастхат ва суратҳо баргардонида намешавад.

**Телефон барои тамос: 93-842-36-25**

**Рӯзнома бо теъдоди 3090 нусха дар матбааи «Мега-принт» нашр шуд.**